*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)*

**ТАҚРИЗ**

**Ба автореферати диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат**

Тавре, ки мо медонем, масъалаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо назардошти рушди демографӣ аҳамияти стратегӣ дорад ва омили калидӣ дар фароҳам овардани шароити муосир барои беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ҳисобида мешавад. Дар натиҷа, омӯзиш ва такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ на танҳо аҳамияти илмӣ ва назариявӣ, балки бешубҳа аҳаммияти амалӣ низ дорад.

Дар автореферат таҳлили асосноки ҳам ҷанбаҳои назариявии соҳаи иҷтимоӣ ва ҳам таъсири онҳо ба сатҳи зиндагии аҳолӣ оварда шудааст. Муаллиф шаклҳо ва такмили механизми сиёсати иҷтимоиеро пешниҳод мекунад, ки ба рушди табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ таъсир мерасонанд ва самтҳои асосии бозори меҳнатро муайян мекунанд. Муаллиф вазъи муосир ва тамоюли инкишофи соҳаи иҷтиморо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин самтҳои асосии такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоиро самаранок арзёбӣ мекунад

Бояд зикр намуд, ки дар тадқиқот аз вобастагӣ ба масъалаҳои ҳалталаби дар пешгузошташуда чунин усулҳои тадқиқот, аз ҷумла усули системавӣ-таркибӣ, сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои микдорию сифатӣ, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра истифода бурда шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо ва як қатор тавсияҳо оид ба такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир манзур гардидаанд.

Хуллас, бояд ибрози андеша намуд, ки новобаста аз он, ки автореферат ҷиҳатҳои мусбӣ дорад, ҳамчунин камбудиҳои мазкур ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан ба маврид аст:

1.Ба андешаи муаллиф баъзе омилҳоро метавон мушоҳида кард, ки мунтазам ба фаъолияти ташкилотҳои фарҳангӣ таъсири манфӣ мерасонанд ва дар натиҷа умуман соҳаи иҷтимоӣ зарар мебинад (расми 7). Дар автореферат нуктаи назари муаллиф асоснок карда нашудааст

2.Дар автореферат қайд шудааст, ки пеш аз ҳама, соҳаи маорифро таҳлил кардан зарур аст, зеро ба назари мо, ин самти муҳимтарини соҳаи иҷтимоӣ мебошад. Бале хеле фикри хуб, аммо мушкилоту масоили соҳаи мазкур мавриди таҳлил қарор дода нашудааст.

Камбудиҳои мазкур то андозае хусусияти тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Дар маҷмӯъ мӯҳтавои автореферати диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир нишон медиҳад, ки он дорои аҳамияти илмиву амалӣ буда, дар мавзуи мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат арзанда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии
МД "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон" **Султонзода Ҷ. У.**
«__» _________ соли 2025

Султонзода Ҷовиди Умарбек, тел.: +992 93 939-69-34
E –mail: sultonzodacovid@mail.ru

Имзои н.и.и., дотсент Ҷ. У. Султонзода-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**

**Маълумот барои тамос ва суроғаи муассиса:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон , 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Тел: (+992 37) 234-88-00, www.dsx.tj. e-mail: dsx._ips@mail.ru.

«__» _________ соли 2025